**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046**
**дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**
**ба Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон**

**протоколи №19 аз 29.03.2024**

Диссертатсияи **Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон** дар мавзӯи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), дар ҳукми дастнавис барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ санаи 26 декабри соли 2023, протоколи №38 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1, ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 08 апрели соли 2022).

Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №13 аз 26.09.2023с. муҳокима шуда ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:Махкамов Дастам** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Муқарризони расмӣ**:
**Абдураҳимов Қудратулло Саидович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Манонова Раъноҷон Абдураҳмоновна** –номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
**Муассисаи пешбар**: МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”

МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” дар хулосаи мусбии худ, ки аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мансурова Ҷ.С. таҳия шудааст ва аз тарафи ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки мавзуи интихобнамудаи Махмадализода Бобоҷон Рахмон «Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салохияти иттилоотӣ-маърифатии донишчуёни муассисахои тахсилоти миёнаи касбй дар раванди таълими фанни таърихи халқи точик» мубрам буда, коркарди чунин мавзуъхо ба манфиати таълиму тарбияи ҷавонон ва наврасон мебошад.

Мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро муаллифи диссертатсия дуруст муайян карда, барои анҷом додани пажуҳиши илмӣ ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро аз зумраи омузиш ва тахлили асосҳои педагогии ташаккул додани салоҳияти таърихии донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ҳамчун як ҷузъи ҷараёни омузиш ва дар робита ба таълими фанни таърих, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башариро дар бар мегирад, мавриди назар қарор додааст.

Дастовардхои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлили мафҳумҳои асосии истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, фарзия, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, натиҷагирӣ карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ тахия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва доир ба моҳияти таҳқиқотӣ гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф тасаввуроти аникро бозгу мекунад. Инчунин, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Рисолаи илмии Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзӯи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик” тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА–и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Инчунин ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид гардиданд:

Тақризи аввал аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва физикаи Донишкадаи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Раҳимов Амон Акпарович пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи дуюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумии МДТ " ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Раҳимова Гавҳар пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи сеюм аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забони давлатӣ ва забонҳои хориҷии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон Ҷалолова Зухро Абдусаломовна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Тақризи чорум аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Насриддинова Майсара Муйдиновна пешниҳод шудааст. Тақриз мусбӣ буда, муқарриз эрод надорад.

Муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" аз 19 январи соли 2024, протоколи №40 интихоб шуданд.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

1. Бо мақсади ташаккул додани салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён ҳарчи бештар намуд, шакл, усулҳои муосири таълим истифода шуданд;

2. роҳҳои ташаккулдиҳандаи салохияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути технологияи муосири иттилоотӣ, корҳои тарбиявӣ, худомӯзии донишҷӯён ва корҳои берун аз аудиторӣ пайдо карда шуданд;

3. чорабиниҳои асосноки педагогӣ баҳри ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ коркард шуданд;

4. педагогикаи миллӣ ба ташаккулёбии салоҳиятнокии иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён тавассути дарси таърихи халқи тоҷик дар ҳифз карда тавонистани нуқтаи назари хеш мутобиқ карда шуданд;

5. ҳолати мушкилотӣ дар назария ва таҷрибаи педагогикаи миллӣ ҳангоми корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** чунин зоҳир мешавад:

Натиҷаи бадастомада дар таҳқиқи паҳлуҳои методикаи таълими таърих дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён ҳамчун сарчашма хизмат менамояд. Диссертатсия ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёнро тавассути омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии ташаккули салоҳиятнокӣ, роҳу равиши вусъатбахшии салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯён, чун омили боэътимоди рушди салоҳиятмандӣ дар фаъолияти касбӣ дар назар дорад. Натиҷаи таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, омода намудани роҳнамо ва дастурҳои методии омӯзгорон мувофиқ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,** ки дар раванди кори таҳқиқотӣ ба даст оварда шудаанд, ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиши асарҳои таърихӣ, фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ ҳосил мегардад. Тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок будани нуқтаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд, ошкор гардид. Муқоисаи натиҷаи бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгори фанни таърих ва омӯзгорони ин фанни таълимӣ мавриди истифода қарор гирифт.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварию таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос инъикос ёфтааст.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм, мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 6 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 8 нафар

муқобили додани дараҷаи илмӣ нест

бюллетенҳои беэътибор нест

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 29 марти соли 2024 зимни баррасии маърӯзаи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ); хулосаи роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон **Махкамов Дастам**; хулосаи ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №13 аз 26.09.2023с.; хулосаи муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ"; муқарризони расмӣ, ҳамчунин дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи Шурои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон доир ба эътимоднокӣ ва асоснокии таҳқиқот ва хулосаҳои диссертатсия, ҳамчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои ба табъ расида Шурои диссертатсионии 6D. КОА-046 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и, ки 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шуро ("тарафдор"- 8нафар, "зид"- нест, "бюллетенҳои бекоршуда"- нест ), диссертатсияи Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дар мавзуи "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ - маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик" барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ), ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Низомномаи " Шурои диссертатсионӣ"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй ҳисобида шавад ва ба Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

2. Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" дар мувофиқа бо талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 тасдиқ шудааст, қабул карда шавад.

3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шуроро тасдиқ намояд ва ба Маҳмадализода Бобоҷон Раҳмон дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дода шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА 046 - и назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Абдуллоева М.А.

29.03.2024 с.